# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи “Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати профессорон:

1. Маликов М. Х. (раис)
2. Додхудоева Л. Н. (узви ҳайат)
3. Ҳусайнов А. Қ. (узви ҳайат)

Диссертатсияи Исуфов Шердил Ватанович таҳқиқи таҷрибаи таърихии саҳми меҳнаткашон ва нақши хоҷагии деҳоти Тоҷикистон дар мисоли собиқ вилояти Кӯлоб дар ғалабаи ИҶШС аз болои Германияи фашистӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст.

Аҳамияти омузиши мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки то имрӯз дар таърихнигории ватанӣ оид ба масъалаи ҳаёти хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода нашудааст ва диссертатсияи мазкур дар ин самт аввалин кӯшиш мебошад. Инчунин фаъолияти меҳнатӣ ва ҳаракатҳои ватандӯстонаи деҳқонони колхозӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва саҳми меҳнаткашони вилоят дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ муҳиммияти мавзӯи интихобшудаи таҳқиқро муайян мекунад. Ғайр аз ин, омӯзиши таҷрибаи фаъолияти меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар шароити шадиди замони ҷанг, метавонад дар муайян намудани роҳҳо ва усулҳои сафарбар кардани захираҳои дохилии истеҳсолӣ, истифодаи усулҳои гуногуни навоварӣ ва, сониян, таъсири танзими давлатӣ ба соҳаҳои алоҳидаи кишоварзӣ хизмат намояд. Ба замъи ин, солҳои охир бо сабаби тағйир ёфтани мувозинати геосиёсии дунё пас аз байн рафтани ИҶШС ва низоми сотсиалистии ҷаҳон аз ҷониби муаррихони Ғарб андешаҳои ғайриилмӣ-таърихӣ пайдо шуда, онҳо нисбат ба шуҷоат ва қаҳрамониҳои халқҳои Шӯравӣ, саҳми арзандаи онҳо дар таъмини ғалаба бар фашизм дар Ҷанги дуюми ҷаҳон бо шубҳа менигаранд ва дар асарҳо ва мақолаҳои худ фактҳои далелнопазирро инкор намуда кӯшиш менамоянд, ки саҳми асосии халқҳои Шӯравиро дар ғалаба паст нишон диҳанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзӯи мазкур барои истифодабарӣ аз таҷрибаи таърихӣ дар интихоби роҳи дурусти рушд, рафъи буҳрон дар бахши хоҷагии халқи кишвар ва дар самти баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии насли имрӯза ва оянда бениҳоят зарур аст.

Диссертатсияи Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи “Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945)” аз муқаддима, ду боб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат буда, сохтори он бо ҳадафи аслӣ ва вазифаҳои муайяншуда дар

диссертатсия мувофиқ буда, нишондиҳандаи мантиқии раванди таҳқиқ мебошад.

Навоварии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ масъалаи вазъи рушди хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо ҷалби доираи васеи адабиёту сарчашмаҳои муътамад таҳқиқ шудааст. Ба воқеаҳо ва далелҳои марбут ба хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бори аввал баҳои воқеӣ дода мешавад.

Натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми навиштани таърихи навтарини Тоҷикистон ва дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик мавриди истифода қарор дод.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия барои таҳияи курсҳои махсус дар факултетҳои илмҳои инсонӣ ва иҷтимоии донишкадаву донишгоҳҳои Тоҷикистон муфид мебошанд.

Мазмуни асосии рисола дар 18 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои илмие, ки дар феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, баён шудааст.

Рисолаи доктории Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи "Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945)" аз рӯи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вероиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301 Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) – сазовор аст.

Комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад, ки рисолаи унвонҷӯ Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи "Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945)" ба ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқ аст.

Комиссияи экспертӣ вобаста ба масъалаҳои зикршуда чунин қарор мекунад:

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Исуфов Шердил Ватанович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба ҳимоя тавсия дода шавад.
2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод мегарданд:

а). Алимов Давлаталӣ Халилович - доктори илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

б). Саидасанов Юсуф Шанавалшоевич - н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Маликов М. Х.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

**доктори илмҳои таърих, профессор** **Додхудоева Л. Н.**

**доктори илмҳои таърих, профессор** **Хусайнов А. Қ.**

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ Файзуллоева Г.

11.01.2023